**КУМИТАИ ҶАВОНОН, ВАРЗИШ ВА САЙЁҲИИ НАЗДИ ҲУКУМАТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН**

---

**БАРНОМАИ МИЛЛИИ РУШДИ ИҶТИМОИИ ҶАВОНОН ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН БАРОИ СОЛҲОИ** 2013-2015

*Қиёмиддин Миралиев*

# ГУЗОРИШ

## оид ба натиҷаҳои таҳлили таъҷилии вазъият ҷиҳати муайян сохтани иқтидори ташкилотҳои кор бо ҷавонон мутобиқи Барномаи омӯзиш аз рӯи усули «ҳамсол ба ҳамсол»

Душанбе - 2013

# МУНДАРИЧА

МУҚАРРАРОТИ УМУМӢ ........ 4
ФАРОГИРӢ ВА МЕТОДОЛОГИЯИ ТТВ ........ 5
I. МАЪЛУМОТИ УМУМӢ ........ 5
Мафҳуми омӯзиш аз рӯи усули «ҳамсол ба ҳамсол» ........ 7
II. ҲАМКОРӢ ........ 8
2.1 Ҳамкории байни соҳаҳо ........ 8
2.2. Иштироки ҷавонон ........ 10
2.2 Фарогирӣ ........ 11
2.3. Мақсад ва дурнамо ........ 12
2.4. Гуруҳҳои мақсадӣ ........ 13
2.5. Талаботи гурӯҳҳои мақсадӣ ........ 14
2.6. Истифодаи имкониятҳо ........ 15
2.7. Қисматҳои таркибии Барнома ........ 17
2.8. Қисматҳои Нақшаи назорат ва баҳодиҳии Барнома ........ 17
2.9. Аксуламали Барнома ........ 17
2.10. Алоқамандии Барнома бо дигар Барномаҳои соҳавӣ ........ 18
2.11. Нақшаи устуворӣ ва ё маблағгузории Барнома ........ 19
III. ҶАЛБ ВА НИГАҲДОРИИ ҲАЙАТИ КОРӢ ........ 20
3.1. Тренерон-ихтиёриён ........ 20
3.2. Ҷалб ва интихоби тренерон ........ 24
3.3. Талабот ........ 25
3.4. Робита бо тренерон ........ 25
3.5. Ҳавасмандгардонӣ ........ 25
3.6. Захираи кадрӣ ........ 26
3.7. Малакаи кории ҳайати ташкилӣ ва ё роҳбарикунанда ........ 26
3.8. Омодаги тахасуснокии/тренерон ........ 27
3.9. Назорати рафтору кирдори тренерон ........ 27
3.10. Муттаҳиддии ҳайати кормандон ........ 28
3.11. Масъулиятнокии тренерон ........ 28

IV. НАЗОРАТ ВА ИДОРА ..........29
4.1. Татбиқёбии меъёрҳои Барнома ..........29
4.2. Танзими ухдадории ҳайати роҳбарикунанда ..........29
4.3. Сифати татбиқёбии меъёрҳои Барнома ..........30
4.4. Захираҳои кадрӣ ва молиявии Барнома ..........30
4.5. Иштироки фаъоли чавонон дар татбиқи Барнома ..........31
4.6. Натичаи назорат ва баҳодиҳӣ ..........31
4.7. Ҳамкорӣ вобаста ба рушди шабакаи Барнома ..........32
4.8. Дастрасии иттилоот ..........32
4.9. Нақшаи устуворӣ ..........33
V. НАЗОРАТ ВА БАҲОДИҲӢ ..........34
5.1. Мақсади назорат ва баҳодиҳӣ ..........34
5.2. Нишондиҳандаҳои асосии Барнома ..........34
5.3. Амалишавии мақсадҳои Барнома ..........34
5.4. Воситаҳои назорат ва баҳодиҳӣ ..........35
5.5. Устувории назорат ва баҳодиҳӣ ..........35
5.6. Иштироки ҷавонон дар ҷараёни назорат ва баҳодиҳӣ ..........35

MKA

# МУҚАРРАРОТИ УМУМӢ

Ҷавонон дар рушди илму техника, истеҳсолот, фарҳанг ва рушди маънавии ҷомеа ҷойи махсусро ишғол менамоянд. Ин хусусияти ҷавонон аз он иборат аст, ки онҳо дониш ва таҷрибаҳои пешқадамтаринро, ки насли бузург доранд, ба даст меоваранд. Арзишҳои мазкур бо ҷавонӣ пайваста шуда, омили тавонои ҳаёти пешрафти иҷтимоӣ мегарданд. Билохир ҷавонон – нерӯи пешбарандаи ҷомеаи шаҳрвандӣ мебошанд.

Гурӯҳи муташаккили ҷавонон қувваи бузурги иҷтимоӣ ва эҷодӣ, қобилияти ба шакли муайян даровардани муносибатҳои муосир ва роҳи ҳалли муаммоҳои ҳаётии худ ва умуман таъсири фаъолона дар пешгирии муаммоҳои рӯзмарраи насли наврасро доранд.

Қувваи асосии пешрафти сиёсати давлатии ҷавонон ин иттиҳодияҳои ҷавонон мебошад, ки рушди фаъолият ва устуворгардонии иқтидори онҳо ба беҳтаршавии ҳаматарафаи ҳаёти ҷавонон, маърифати сиёсӣ, фарҳангӣ, мустақилияти иқтисодӣ, худинкишофёбӣ ва худамалишавии наврасон ва ҷавонон мусоидат мекунад.

Иттиҳодияҳои ҷавонон дар солҳои азнавсозӣ (1985-1992), гузариш ба демократикунонии ҳаёти ҷомеа, аз он ҷумла, доираи ҷавонон, пайдо шудаанд. Ҷавонон амалиёти фаъолонаро оғоз намуданд, ба шароитҳои ҷомеа мувофиқ гардиданд, ба муайянкунии накши худ дар ҷараёнҳои мураккаби иҷтимоию сиёсӣ талош варзиданд. Айни замон мувофиқи Омори сиёсати давлатии ҷавонон тақрибан аз 160 то 170 ташкилотҳои ҷамъиятии ҷавонон фаъолона амал мекунанд.

Дар шароити имрӯза барои фаъолгардонии ҷавонон усулҳои гуногуни тарбия ва омӯзиши ҷавонон, ба монанди “Ҳамсол ба ҳамсол”, “Хизматрасонии хайрхоҳона ба ҷавонон”, “Хатсайри бехатар” ва ғайра истифода гашта истодаанд. Ин усулҳо бештар ба такшилотҳои кор бо ҷавонон хос мебошад, вале сатҳ ва сифати истифодаи онҳо дар гумон аст, чун меъёри ягонаи истифодаи ин усулҳо, бахусус усули маъруфи “Ҳамсол ба ҳамсол” мавҷуд нест.

Аз ин лиҳоз, Кумитаи ҷавонон, варзиш ва сайёҳии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон баргузории таҳлили таъҷилии вазъиятро (ТТВ) оид ба муайян сохтани иқтидори амалии хизматрасонии ташкилотҳои кор бо ҷавонон аз рӯи принсипи "Ҳамсол ба ҳамсол" дар доираи Барномаи миллии рушди иҷтимоии ҷавонон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2013-2015 ба Маркази миллии имконоти ҷавонон фармоиш дод.

## ФАРОГИРӢ ВА МЕТОДОЛОГИЯИ ТТВ

Дар ТТВ 30 ташкилотҳои кор бо ҷавонон, ки бо истифода аз усусли “ҳамсол ба ҳамсол” фаъолият мебаранд, фаро гирифта шуданд.

Ташкилотҳо мутобиқи бонки иттилоотии Иттиҳодияи ташкилотҳои ҷавонони Тоҷикистон ва бо дарназардошти таҷрибаи онҳо дар минтақаҳои гуногуни кишвар интихоб карда шуданд.

Барои баргузории самараноки ТТВ мутобиқи Меъёрҳои байналмилаии омӯзиш аз рӯи усусли “ҳамсол ба ҳамсол” саволнома иборат аз ҳафт соҳаҳои афзалиятнок ва ё нишондиҳандаҳои асосии зерин таҳия гардид:

1. Маълумоти умумӣ
2. Талабот аз рӯи меъёрҳои фаъолият
3. Банақшагирӣ
4. Ҷалб ва нигаҳдории ҳайати корӣ
5. Омӯзиш ва роҳбарӣ
6. Назорат ва идора
7. Назорат ва баҳодиҳӣ

ТТВ аз рӯи усули пурсиш дар саросари кишвар гузаронида шуд.

## ТАҲЛИЛИ ВАЗЪИЯТ

### МАЪЛУМОТИ УМУМӢ

Дар ТТВ ташкилотҳои зерин фаро гирифта шуданд:

Ҷадвали А.

| № | Номгӯи ташкилотҳо | Ному насаби роҳбар | Соли таъсисёбӣ |
|---|---|---|---|
| 1 | Ташкилоти ҷамъиятии "Ҷавонони асри 21" | Шарбатов Далер | 2005 |
| 2 | КВД "Маркази ҷавонони" н. Данғара | Парвин Миралиев | 2010 |
| 3 | Ташкилоти ҷамъиятии "МФО-Тамирис" | Ҷумаева Раъно | 2010 |
| 4 | МД "Маркази фарҳангии ҷавонони ш.Кулоб" | Рафиев Сафарҳон Аюбович | 2008 |
| 5 | Ташкилоти ҷамъиятии "Судманд" | Толиб Сайдалиев | 1999 |
| 6 | Ташкилоти ҷамъиятии "Фидокор" | Халилова Дилбар | 1996 |
| 7 | Ташкилоти ҷамъиятии "Мактаби ихтиёриён" | Дадабоев Исмоил | 2010 |
| 8 | Ташкилоти ҷамъиятии "Асри | Солиев Фарход | 2002 |

| | | | |
|---|---|---|---|
| | нав" | | |
| 9 | КВД "Маркази ҷумҳуриявии итиллот ва тамоюли ҷавонон" | Махмадуллоев Зубайдулло | 1998 |
| 10 | Ташкилоти ҷамъиятии "Ҷавонони ташаббускори Тоҷикистон" | Раҷабова Зарнигор | 2012 |
| 11 | Ташкилоти ҷамъиятии "Насли ҷавони Тоҷикистон" | Мирзорахимов Наимҷон Рахимович | 2008 |
| 12 | Ташкилоти ҷамъиятии "Созандагони Ватан" | Мирсаидов Адхам Мамурович | 2011 |
| 13 | Ташкилоти ҷамъиятии "ҳамсол ба ҳамсол" | Нуриддинова Парвина | 2012 |
| 14 | Ташкилоти ҷамъиятии "Насли нави Тоҷикистон" | Муминов  Аслам | 2005 |
| 15 | Маркази маърифатию иттилооти хайрхоҳона ба ҷавонон бо номи "Helth" | Муминов Шодмон | 2007 |
| 16 | Алиянси танзими оилаи Тоҷикистон | Тоиров Равшан | 2000 |
| 17 | Ташкилоти ҷамъиятии "Ҷавонони асри 21" | Нуриддинов Сухроб | 2001 |
| 18 | КВД "Маркази ҷавонони шаҳри Душанбе" | Ганҷалов Камолиддин | 2012 |
| 19 | Маркази маърифатию иттилооти хайрхоҳона ба ҷавонон | Файзуллозода Рахмиддин | 2006 |
| 20 | Ташкилоти ҷамъиятии "Сайёр" | Хоҷаева  Гавхар Сафарбекович | 2004 |
| 21 | КВД "Маркази ҷавонони ҷамоати Дурбат-и н.Ҳисор" | Хакимов Нодир | 2012 |
| 22 | Ташкилоти ҷамъиятии "Олами кӯдакон" | Шобуддинова Р | 2001 |
| 23 | Ташкилоти ҷамъиятии "Самар" | Сафолов Нурмухаммад | 2003 |
| 24 | Ташкилоти ҷамъиятии "Вахдати ҷавонон" | Юсупов  Рустам Абувалиевич | 2011 |
| 25 | Ташкилоти ҷамъиятии ихтиёриёни  "Анчент" | Шагаева Епатерина | 2002 |
| 26 | Ташкилоти ҷамъиятии  "Дина" | Неъматов Илхом | 2002 |
| 27 | Ташкилоти ҷамъиятии "Насли ҷавон" ВСШ Хуҷанд | Тюраева Мухиба | 2001 |

| | | | |
|---|---|---|---|
| 28 | Ташкилоти ҷамъиятии "Шото" ш.Исфара | Султонов Сулаймонхон Гиёсхонович | 2005 |
| 29 | Ташкилоти ҷамъиятии "Асотсиатсияи зиёиёни илми - техники Тоҷикистон" | Зоиров Фарухчон Кодирович | 1995 |
| 30 | Ташкилоти ҷамъиятии "Нури Адл" | | 2010 |

Солҳои таъсисёбии ташкилотҳои мавриди таҳқиқ қарор гирифта шуда гуногун буда, давраҳои 1995 – 2012-ро фаро мегирад. Аз ин шумора 4 ташкилотҳо то соли 2000 боқимонда то 2012 таъсис ёфтаанд. Бахусус 4 ташкилот навтаъсис буда, соли 2012 ташкил ёфтаанд. Шояд савол шавад, чаро соли таъсисёбии ташкилотҳо гуногунанд? Чунки ташкилотҳо дар баробари таҷриба, инчунин аз рӯи фаъолнокӣ интихоб гардидаанд. Ташкилоте ҳаст, ки нав таъсис ёфтааст, вале фаъолияташ аллакай дар самти омӯзиш аз рӯи усули «ҳамсол ба ҳамсол» назаррас мебошад. Яъне, мавриди интихоб тамоми паҳлуҳо ба назар гирифта шуд.

Дар баробари ин дар байни ташкилотҳои дорои мақоми ҳуқуқӣ ду ташкилоти ғайриформалӣ (6,7%) низ мавриди тақиқ қарор гирифт, чун ба ҳамагон маълум аст, ки новобаста аз мақом дилхоҳ ҳаракатро ҳамчун ташкилот донистан мумкин аст. Боиси зикр аст, ки дар фаъолияти Кумитаи ҷавонон, варзиш ва сайёҳии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамкорӣ бо гурӯҳҳои ташаббусӣ зич ба роҳ монда шудааст ва ҳатто ба онҳо барои ба шахси ҳуқуқӣ табдил ёфтан мусоидат менамояд.

## Мафҳуми омӯзиш аз рӯи усули «ҳамсол ба ҳамсол»

Аз 30 ташкилотҳои мавриди омӯзиш қарор гирифта шуд 90% мафҳуми омӯзиш аз рӯи усули «ҳамсол ба ҳамсол»-ро дуруст таҳлил карданд, вале 10% дигар новобаста аз он ки аз рӯи ин барнома мавриди фаъолият менамоянд, онро дуруст маънидод карда натавонистанд.

Дар баробари ин масъалае, ки ҷолиби таваҷҷӯҳ аст, ин мавҷуд набудани Барномаи омӯзишӣ аз рӯи усули «ҳамсол ба ҳамсол» дар басти идории ташкилотҳо мебошад. Мутобиқи талаботи меъёри байналмилалӣ бояд ҳар ташкилот ва ё ҳаракате, ки аз рӯи Барномаи омӯзишӣ аз рӯи усули «ҳамсол ба ҳамсол» фаъолият менамояд ва ё он қисми фаъолияти ташкилотро ташкил медиҳад дар басти идорӣ Барномаро дошта бошад. Барои ин зарур нест, ки тамоми талаботи Барномаро ба инобат гирифт, кифоя аст, ки онро мутобиқи шароит ва имконоти ташкилот таҳия, тасдиқ ва истифода намуд.

# II. ҲАМКОРӢ

## 2.1 Ҳамкории байни соҳаҳо

Дар самти татбиқи босамараи Барномаи омӯзишӣ аз рӯи усули «ҳамсол ба ҳамсол» зарур аст, ки бо ташкилоту муассисаҳои гуногун ҳамкорӣ доошт. Дар ин самт таҳлил нишон дод, ки дар воқеъ дар Тоҷикистон ташкилотҳои кор бо ҷавонон вобаста ба амалисозии чорабиниҳои дар доираи омӯзиш аз рӯи усули «ҳамсол ба ҳамсол» ҳамкории хуб доранд.

**Ҷадвали 1**




Чӣ тавре ҷадвали 1 инъикос менамояд қисми зиёди ташкилотҳо дар самти омӯзиш аз рӯи усули «ҳамсол ба ҳамсол» бо мақомоти ваколатдори давлатии кор бо ҷавонон ҳамкорӣ менамоянд. Ин бори дигар шаҳодат медиҳад, ки амалисозии Барномаи омӯзиш аз рӯи усули «ҳамсол ба ҳамсол» бештар дар байни ташкилотҳои кор бо ҷавонон ҷой дорад. Масъалаи дигар он аст, ки ҳамасола сатҳи ҳамкории мақомоти давлатӣ бо ҷомеаи шаҳрвандӣ беҳ гашта истодааст ва татбиқи сиёсати давлатии ҷавонон дар ин росто самаранок гардида истодааст.

Аз байни се сохтори таҳлилгашта маҳз сохтори кор бо ҷавонон камиқтидортар аст, вале ҳамкорӣ бо он ранги дигар дорад. Яъне, хулоса кардан мумкин аст, ки новобаста аз маҳдудияти имкониятҳо нуфузи мақомоти ваколатдори давлатии кор бо ҷавонон дар байни ташкилотҳои кор бо ҷавонон ва ҷавонон бонуфузтар аст.

Яке аз нишондиҳандаҳои Барнома ин ҳамкорӣ ва ё шарикӣ дар татбиқи чорабиниҳо аз рӯи омӯзиш аз рӯи усули «ҳамсол ба ҳамсол» мебошад, ки ин арзёбӣ дар Ҷадвали 2 оварда шудааст.

**Ҷадвали 2**




Маълум гардид, ки қисми зиёди (90%) ташкилотҳои аз рӯи омӯзиш аз рӯи усули «ҳамсол ба ҳамсол» фаъолиятдошта бо мақомоти ваколатдори давлатии кор бо ҷавонон ҳамкорӣ дорад, ин хуб аст, вале зарур аст, ки ҳамкории онҳо бо дигар ташкилотҳо, бахусус ташкилотҳои ҷамъиятӣ низ дар ҳамин сатҳ бошад.

Дар ин ҷо низ ба монанди Ҷадвали 2 ҳамкории беши ташкилотҳо бо мақомоти ваколатдори давлатии кор бо ҷавонон ва ҳамкории нисбатан ками онҳо бо ташкилотҳои ҷамъиятии ватанӣ ва байналмилалӣ ба назар мерасад.

Дар бисёр мавридҳо саҳмгузории ду соҳаро, мақомоти давлатӣ ва байналмилалиро баҳогузорӣ менамоянд. Ин муносибатро дар поён мебинед.

**Ҷадвали 3**



Чӣ тавре Ҷадвали 3 нишон медиҳад аксарияти (64,8%) ташкилотҳои аз рӯи Барномаи омӯзиш аз рӯи усули «ҳамсол ба ҳамсол» фаъолият дошта, бо мақомоти давлатӣ ҳамкорӣ доранд, гарчанде дар бисёр мавридҳо намояндагони ташкилотҳо ин муносибатро баръакс ифроз менамоянд. Яъне, дар воқеъ имрӯз сатҳи ҳамкорӣ бо мақомоти давлатӣ дигар шудааст ва пайваста хуб гашта истодааст.
Мутобиқи меъёрҳои байналмилалӣ низ бояд ҳамкории байни ташкилотҳо бо ташкилотҳои байналмилалӣ, бахусус донорӣ нисбатан кам бошад, чун танҳо дар ҳолати нарасидани иқтидорӣ давлатӣ онҳо метавонанд кӯмак расонанд.
Дар ин ҷодда, новобаста аз надоштани барномаи махсусгардонидашуда ташкилотҳо ба талаботи меъёрҳои байналмилалӣ ҷавобгӯй мебошанд ва самти дурустро интихоб намудаанд.

## 2.2. Иштироки ҷавонон

Иштироки ҷавонон дар амалисозии Барномаи омӯзиш аз рӯи усули «ҳамсол ба ҳамсол» тибқи нишондиҳандаҳои муқарраргардида хело муҳим арзёби гаштааст.
Мувофиқи пурсиш мавриди таҳияи нақша ва барномаи фаъолият иштироки ҷавонон дар сатҳи ташкилотҳо гуногун мебошад. 40% ташкилотҳо ифроз намудаанд, ки мавриди амалисозии Барнома 5-10 ҷавонон мунтазам иштирок менамоянд, 26,7% ташкилотҳои иштироки аз 10 нафар зиёдро тасдиқ кардаанд. 3,3% ташкилотҳо иштироки пурра, яъне 100% ҷавононро дар таҳияи барномаҳо ифроз намуданд. Яъне, дар умум ин принсип аз ҷониби ташкилотҳо риоя мегардад.
Новобаста аз ин, барои тақвият бахшидани масъалаи гузошташуда, аз ташкилотҳо пурсида шуда буд, ки агар ҷавонон дар таҳияи Барнома иштирок намоянд, пас якчанд таклифҳои онҳоро номбар кунед. Ҳамин тариқ, баъзе аз таклифҳои ҷавонон дар Ҷадвали 8 оварда мешавад.

**Ҷадвали 4**




Аз миёни таклифҳо, танҳо яктои онҳо «Дастгирии иқтисодӣ ва баланд бардоштани маърифати ҳуқуқии ҷавонон» бештар таъкид гардидааст, яъне дар ин ҷодда зарур аст, ки фаъолият ҷоннок карда шавад.

## 2.2 Фарогирӣ

Пурсиш нишон дод, ки аксарияти ташкилотҳо 89% дар амалисозии Барнома ҷавонон 14-30 соларо фаро гирифтаанд, танҳо 11% онҳо бо шахсони аз 30 сола боло фаъолият мекунанду халос (Ҷадвали 5).
Ҳамчунин, гурӯҳҳои мақсадии 83% ташкилотҳоро занон (аз 30% то 50%) ташкил медиҳанд. Дар асл чунин ҳам бояд бошад, чун нисфи аҳолиро занон ташкил медиҳанд (Ҷадвали 6).
Ин ҷадвалҳо бори дигар собит месозанд, ки ташкилотҳои аз рӯи Барномаи омӯзиш аз рӯи усули «ҳамсол ба ҳамсол» фаъолиятдошта асосан бо ҷавонон кор мебаранд.

Ҷадвали 5




Ҷадвали 6




## 2.3. Мақсад ва дурнамо

Доштани мақсад ва дурнамо вобаста ба татбиқи Барномаи омӯзиш аз рӯи усули «ҳамсол ба ҳамсол» барои дилхоҳ ташкилот хело муҳим муқаррар гаштааст.
Пурсиш нишон дод, ки новобаста аз рӯи қоғаз наовардан ҳамаи ташкилотҳо дар самти фаъолият аз рӯи омӯзиш аз рӯи усули «ҳамсол ба ҳамсол» мақсад ва дурнамои худро муайян намудаанд.

**Ҷадвали 7**




Маълум гардид, ки аксарияти ташкилотҳо ин усули фаъолиятро дар самти беҳдошти вазъи саломатӣ (64,6%) истифода менамоянд ва 35,4% онҳо иштироки ҷавононро мақсад муқаррар кардаанд.
Дар баробари ин, қариб ҳамаи ташкилотҳо дар самтҳои иштироки ҷавонон, тарзи ҳаёти солим ва солимии репродуктивӣ фаъолият менамоянд.
Ин хуб аст, вале ин усулро низ хуб мешуд, ки агар дар бартараф кардани дигар мушкилоти мубрами ҳаётӣ, бахусус маърифати ҳуқуқӣ, бекорӣ, таълим, мустақилияти иқтисодӣ ва ғайра истифода менамуданд.

## 2.4. Гурӯҳҳои мақсадӣ

Одатан бисёре аз ташкилотҳо дар мавзеъе фаъолият менамоянд, ки тамоми шароитҳо, бахусус барқ, об ва пайвастӣ бо интернет фароҳам оварда шуда бошанд. Дар воқеъ ин шароитҳо танҳо дар шаҳрҷойҳо маҳфуз мебошад, дар ҳоле, ки қисмизиёди аҳолӣ дар деҳотҷойҳо зиндагӣ мекунанд.
Ҳамчунин, гурӯҳҳоеро фаро мегиранд, ки ташаккулёфта бошанд, яъне аз лиҳози рӯҳӣ, равонӣ ва ҷинсӣ комил ва солим бошанд. Ба ин гурӯҳҳо пеш аз ҳама хонандагон ва донишҷӯён, ки дар дилхоҳ ҷорабинӣ дастрас кардани онҳо низ хело осон мебошад, дохил мешаванд. Дар ҳоле, ки қисми зиёди ҷавонон, яъне 80% онҳо аз таҳсил

берунанд, бекоранд, дар сафи қувваҳои мусаллаҳ дар хизматанд, дар муҳоҷирати меҳнатӣ мебошанд, машғули кори хоҷагиянд, дар бозорҳо ба тиҷорат машғуланд ва ғайра.
Таҳлил низ воқеиятро инъикос намуд ва мушаххасан иттилоот оид ба гурӯҳҳои мақсадии ташкилотҳо дар Ҷадвали 8 оварда мешавад.

**Ҷадвали 8**




Чӣ тавре Ҷадвали 8 нишон медиҳад ва дар тақвият ба таҳлили боло 56,2% ташкилотҳо бо гуруҳҳои хонандагон ва донишҷӯён кор мебаранд, яъне нисфи зиёди ташкилотҳои бо гурӯҳи ками ҷавонон кор бурда истодаанд, ки дар воқеъ мувофиқи мақсад нест.
Арқоме, ки боиси дастгирист, ин фарогирии ҷавонони оворагад мебшад.
Бо дарназардошти талаботҳои ҷомеаи аз нигоҳи демографӣ бояд, ки ҳамагӣ 20% ташкилотҳо ба муҳасиллин фаъолият дошта бошанду халос, вале чи тавре маълум гардид вазъият баракси ҳол мебошад.

## 2.5. Талаботи гурӯҳҳои мақсадӣ

Як аз нишондиҳандаҳои асосии Барномаи омӯзиш аз рӯи усули “ҳамсол ба ҳамсол” ин муайян кардани талаботи гурӯҳҳои мақсади

мебошад. Яъне пеш аз дар амал қарор додани Барнома зарур аст, ки талаботҳои гурӯҳҳои мақсадӣ муайян карда шаванд.
Дар ҳамин асно таҳлил нишон дод, ки қисми зиёди ташкилотҳо (47,6%) талаботи гурӯҳҳоро тариқи мулоқотҳо бо ҷавонон ва 7,1% бо волидон муайян месозанд. Ин хуб аст, вале беҳтарин усул ин амалӣ гузаронидани пурсиш мебошад, ки онро ҳамагӣ 45,2% ташкилотҳо истифода кардаанд.

## 2.6. Истифодаи имкониятҳо

Маълум аст, ки қисми зиёди ташкилотҳо, бахсус ташкилотҳои ҷамъиятӣ фаъолиятро бо назардошти кӯмакпулиҳо ва грантҳо ба роҳ мемонанд.
Новобаста аз ин, масъали мазкур мавриди таҳлил қарор дода шуд ва маълум гардид, ки ташкилотҳо дар амалисозии Барнома имкониятҳои худӣ ва ҳамкоронро қариб ки баробар истифода намудаанд.
Дар воқеъ аҷиб аст, ки имрӯз ташкилотҳои кор бо ҷавонон дар фаъолияти хеш имкониятҳои худиро низ бараъло истифода менамоянд, яъне дар фаъолият устуворӣ доранд.
Аз тарафи дигар ин бар он боис мебошад, ки фурсат ба таҳлил ва меъёрикунонии сатҳу сифати хизматрасонии онҳо расидааст.

**Ҷадвали** 9




Бо мурури замон сатҳи маблағгузории ҷомеаи шаҳрвандӣ аз ҷониби институтҳои давлатӣ боло рафта истодааст, вале ҳоло ҳам саҳмгузории ташкилотҳои байналмилалӣ назаррас аст. Даҳ сол пеш сутуни аввали Ҷадвали 9 хело паст буд, ҳоло бошад ба ташкилотҳои байналмилалӣ баробар шуда истодааст.
Новобаста аз ин Ҷадвали 3 баракси ҳолро инъикос мекунад, яъне дар онҷо ҳамкории ташкилотҳо бо муассисаҳои давлатӣ бештар интихоб гардидааст, гарчанде дар ин ҷо он каме таназул ёфтааст. Аз ин ҷо хулоса бармеояд, ки ба ғайр аз маблағгузорӣ, ҳамчунин мақомоти

давлатӣ барои таъмини толор, барқ ва дигар моддиёт ба ташкилотҳо кӯмак мерасонанд.
Дар баробари ин дар поён сатҳи саҳмгузории бевосита ва мавриди ҳамкорӣ таҳқиқ гардидаанд, ки вазъиятро носаҳеҳ нишон медиҳанд.

Чадвали 10




Чадвали 11




Байни чадвалҳои 10 ва 11 фарқияти куллӣ ба назар мерасад. Чадвлаи 10 зиёд будани саҳмгузории институтҳои байналмилалиро дар фаъолияти ташкилотҳо нишон медиҳад, гарчанде ҳамин муносибат дар Чадвали 11 ҳолати баръакс, яъне нисбатан зиёд будани саҳмгузории мақомоти давлатиро нишон додааст.
Ин тафовутнокӣ, бори дигар пурқувват шудани институтҳои давлатӣ ва ҳамкориҳои зичи онҳоро бо ташкилотҳои чамъиятӣ ва кор бо чавонон шаҳодат медиҳад.

## 2.7. Қисматҳои таркибии Барнома

Аслан таҳлили пурраи ин масъала номумкин аст, чун дар ташкилотҳои таҳлилгардида чунин Барнома дар шакли хаттӣ ва ё тасдиқшуда вуҷуд надорад.

Новобаста аз ин, ҳар ташкилот дар шакли гуногун мутобиқи Барнома амал кардааст. 30,2% ташкилотҳо мақсад ва вазифаҳои хос гузоштаанд, 27% онҳо бошад Барномаро дар шаклаи Нақшаи амалиёт тартиб додаанд.

Аммо аксарият иброз кардаанд, ки Барнома бояд аз мақсад, вазифа, нақшаи чорабиниҳо, соҳаҳои афзалиятнок ва натиҷаҳо иборат бошад.

## 2.8. Қисматҳои Нақшаи назорат ва баҳодиҳии Барнома

Мутобиқи талаботи меъёрҳои байналмилалӣ бояд ки ҳар як ташкилот Нақшаи махсусгардонидаи назорат ва баҳодиҳии омӯзиш аз рӯи усули “ҳамсол ба ҳамсол”-ро дошта бошад. Таҳлили вазъият дар Ҷадвали 12 оварда шудааст.

Ҷадвали 12




Чӣ тавре ҷадвал нишон додааст, мутаассифона 22,5% ташкилотҳо Нақшаи назорат ва баҳодиҳӣ надоранд.

30% ташкилотҳо иборат будан аз нишондиҳандаҳои миқдорӣ ва сифатро ва 27,5% ташкилотҳо доштани механизми ҷамъоварии оморро мавриди татбиқи Барнома изҳор кардаанд.

## 2.9. Аксуламали Барнома

Дилхоҳ фаъолият барои ба даст овардани натиҷаи пурсамар бояд, ки аксуламал дошта бошад.
Дар шароити кишварҳои минтақа ва Тоҷикистон, чун дар марҳилаи гузариш қарор дорад, ин навъи фаъолият паҳнгашта намебошад ва на дар ҳамаи ташкилотҳо дида мешавад. Вале дар кишварҳои пешрафта ин навъи фаъолият васеъ паҳн гардида, ҳатто яке аз нишондиҳандаҳои асосии устувориро ташкил медиҳад.
Вобаста ба татбиқи Барнома ташкилотҳои истифодабаранда низ ин навъи фаъолиятро истифода мебаранд ва 51,2% онҳо иброз намудаанд, ки аксуламали омӯзиш аз рӯи усули "ҳамсол ба ҳамсол"-ро тариқи пурсиш, 37,2% тариқи ҷамъомадҳои мунтазам ва 11,6% тариқи сомонаи интернетӣ ва почтаи электронӣ роҳандозӣ намудаанд.

## 2.10. Алоқамандии Барнома бо дигар Барномаҳои соҳавӣ

Дар баробари он ки Барномаи мазкур дар самти омӯзиш аз рӯи усули "ҳамсол ба ҳамсол" махсусгардонидашуда мебошад, ҳамчунин вобаста ба татбиқи масъалаҳои марбут ба беҳдошти вазъи иҷтимоӣ, иқтисодӣ, фарҳангӣ ва маънавии шаҳрвандон барномаҳои гуногуни давлатӣ амалӣ гардонида мешаванд.
Аз ин рӯ, дар бисёр мавридҳо Барнома бо барномаҳои соҳавӣ метавонад омехта гардад.
Таҳлил маълум сохт, ки Барнома бештар бо барномаҳои сохторҳои кор бо ҷавонон, тандурустӣ ва маориф омехтагӣ дорад ва дар татбиқ онҳоро ҳамчун асос пеш мениҳад (Ҷадвали 13.).

**Ҷадвали 13**



## 2.11. Нақшаи устуворӣ ва ё маблағгузории Барнома

Яке аз талаботҳои меъёри омӯзиш аз рӯи усули «ҳамсол ба ҳамсол» мавҷуд будани Нақшаи устуворӣ ва ё маблағгузории Барномаро дар басти корӣ талаб менамояд.
Бо ин мақсад барои муқаррар кардани устуворӣ масъала гузошта шуд.

**Ҷадвали 14**




Маълум гардид, ки 34% ташкилотҳо Нақшаи устувории Барномаро то як сол муқаррар кардаанд ва ҳудуди 6% то се сол. Вале, 60% ташкилотҳо дар бораи нақшаиояндаи Барнома ягон мавқеъро ишғол карда натавонистанд, ки боиси нигаронӣ мебошад.

**Ҷадвали 15**




Чӣ тавре Ҷадвали 15 нишон медиҳад 36% ташкилотҳо маблағгузории Барномаро дар ҳаҷми то 10 ҳазор сомонӣ дар як сол ба нақша

гирифтаанд. Аммо барои 23,6% ташкилотҳо ин масъала ноаниқ монда, барои 13,2% чунин маблағгузорӣ вуҷуд надорад.

# III. ҶАЛБ ВА НИГАҲДОРИИ ҲАЙАТИ КОРӢ

## 3.1. Тренерон-ихтиёриён

Мутобиқи талаботҳои меъёри омӯзиш аз рӯи усули "ҳамсол ба ҳамсол" бояд, ки дилхоҳ ташкилот тренерони дилхоҳ ташкилот бояд ки ҳайати тренеронро дошта бошад.

Дар зер ҳайати тренерони ташкилотҳои таҳлилгашта оварда мешавад, ки теъдоди ҳамагии онҳо 89 нафар мебошад, яъне дар кишвар зиёда аз 89 тренерони соҳаи омӯзиш аз рӯи усули "ҳамсол ба ҳамсол" омода мебошанд.

MKA

| Ному насаби тренерон | Номгӯи ташкилотҳои тибқи рӯйхат муқаррагардида (мутобиқи Ҷадвали А.) | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | Ҳамагӣ |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | 1 | 2 | 3 | 4 | 5 | 6 | 7 | 8 | 9 | 10 | 11 | 12 | 13 | 14 | 15 | 16 | 17 | 18 | 19 | 20 | 21 | 22 | 23 | 24 | 25 | 26 | 27 | 28 | 29 | 30 | |
| Бобоев Бехруз | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 1 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 1 |
| Ёкубов Далер | 0 | 1 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 1 |
| Кодиров Машраб | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 1 | 0 | 0 | 0 | 0 | 1 |
| Кодиров Хизр | 1 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 1 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 2 |
| Кудбудинова Фарида | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 1 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 1 |
| Мирзорахимов Н. | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 1 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 1 |
| Мирзорахимов Наим | 0 | 0 | 0 | 1 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 1 |
| Нуров Абдулло | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 1 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 1 |
| Оламафрузи Курбонали | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 1 | 0 | 0 | 0 | 1 |
| Пулотов Фуркат | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 1 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 1 |
| Рафиева Сомия | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 1 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 1 |
| Рачабов Чумахлон | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 1 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 1 |
| Рачабова  зарнигор | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 1 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 1 |
| Сайидов  Сафарбек | 0 | 0 | 1 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 1 |
| Салимов Шамсулло | 0 | 0 | 0 | 0 | 1 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 1 |
| Тахмина Юсуфи | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 1 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 1 |
| Хасани Акрам | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 1 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 1 |
| Хизров  Кодир | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 1 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 1 |
| Хомидов Абдухафиз | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 1 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 1 |
| Худойкулзода  Хасанчон | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 1 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 1 |
| Шарбатов Далер | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 1 | 1 |
| Шарипов Мадиброхим | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 1 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 1 |
| Шаронов Дилшод | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 1 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 1 |
| Шобиддинов  Рухшона | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 1 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 1 |
| Шобуддинов Р. | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 1 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 1 |
| Юсупова Зайнура | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 1 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 1 |
| Бобоёр Бехруз | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 1 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 1 |
| Боев Боймурод | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 1 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 1 |
| Гулов Баходур | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 1 | 0 | 0 | 0 | 0 | 1 |
| Диля Мастонова | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 1 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 1 |
| Зокирова Мавзуна | 0 | 0 | 0 | 0 | 1 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 1 |
| Кодиров Машраб | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 1 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 1 |
| Кучаров Рахмонали | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 1 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 1 |
| Махинабонуи Човид | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 1 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 1 |
| Мачидова Садаф | 1 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 1 |
| Меликов  Умрилло | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 1 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 1 |
| Мирзохонова Наргис | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 1 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 1 |

| | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Музафарова Тахмина | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 1 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 1 |
| Муинов Шодмон | 0 | 0 | 1 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 1 |
| Насирдинов Олим | 0 | 0 | 0 | 1 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 1 |
| Нуринисо Урунзода | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 1 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 1 |
| Рахматуллоева З | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 1 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 1 |
| Саидов Пайров | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 1 | 1 |
| Солиев Ф | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 1 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 1 |
| Соммов Хайриддин | 0 | 1 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 1 |
| Усмон Латифзода | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 1 | 0 | 0 | 0 | 1 |
| Файзов Файзулло | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 1 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 1 |
| Хабибов Рахмон | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 1 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 1 |
| Хамидова Садаф | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 1 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 1 |
| Чумаев Чурабой | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 1 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 1 |
| Шамиов Зафар | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 1 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 1 |
| Юсупов Зохир | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 1 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 1 |
| Атахонова Дилбар | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 1 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 1 |
| Ашурова Лола | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 1 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 1 |
| Бахридинов Рустам | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 1 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 1 |
| Гулчахони Хамрохбойзода | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 1 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 1 |
| Комилова Сабрина | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 1 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 1 |
| Косимов Максуд | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 1 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 1 |
| Лола Акрамова | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 1 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 1 |
| Муродова Чамила | 0 | 0 | 1 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 1 |
| Розиков Баходур | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 1 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 1 |
| Сайдов Фариддун | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 1 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 1 |
| Солихов Фатхиддин | 0 | 0 | 0 | 1 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 1 |
| Туртимотова Тахмина | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 1 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 1 |
| Фозилзода Фаррух | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 1 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 1 |
| Хайдаров Сорбон | 0 | 0 | 0 | 0 | 1 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 1 |
| Хайринисои Муртазо | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 1 | 1 |
| Халимова Тахмина | 1 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 1 |
| Хикматова Фируза | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 1 | 0 | 0 | 0 | 1 |
| Холова Амина | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 1 | 0 | 0 | 0 | 0 | 1 |
| Юнусов С | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 1 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 1 |
| Якубов Фаррух | 0 | 1 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 1 |
| Якубова Наталия | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 1 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 1 |
| Акмали Дилдорбек | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 1 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 1 |
| Бегматова Сайида | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 1 | 1 |
| Бобошоев Абдусолим | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 1 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 1 |

| | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Буриев Шахобиддин | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 1 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 1 |
| Зарнигор Рачабова | 1 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 1 |
| Каримов Амриддин | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 1 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 1 |
| Олимова Бибичон | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 1 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 1 |
| Парвиз Хафизод | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 1 | 0 | 0 | 0 | 1 |
| Сон Дмитрий | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 1 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 1 |
| Тагоев Чамшед | 0 | 0 | 1 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 1 |
| Умечони Саид | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 1 | 0 | 0 | 0 | 0 | 1 |
| Фарух Бахоев | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 1 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 1 |
| Хасанчон Худоикулзода | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 1 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 1 |
| Холова Сановбар | 0 | 1 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 1 |
| Чаборова Парвина | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 1 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 1 |
| **Хамаги** | 4 | 4 | 4 | 3 | 3 | 4 | 4 | 2 | 4 | 2 | 4 | 3 | 4 | 3 | 4 | 2 | 4 | 3 | 1 | 3 | 2 | 4 | 2 | 4 | 0 | 4 | 4 | 0 | 0 | 4 | 89 |

## 3.2. Ҷалб ва интихоби тренерон

Таҷрибаи ҷаҳонӣ собит сохт, ки барои устувор сохтани заминаи кадрӣ усулҳои гуногуни ҷалбсозӣ ва ё интихоби кормандон ва умуман мутахассисон истифода мегарданд.
Бо ин мақсад байни ташкилотҳои интихобӣ пурсиш гузаронида шуд ва он нишон дод, ки қисми беши ҷалбсозӣ тавассути озмун амалӣ гардонида мешавад.

Ҷадвали 16




Пурсиш муқаррар сохт, ки дар аксари маврид тренерон тариқи ташкили озмун инхтихоб карда мешаванд. Ҳамчунин, дар кишвар усулҳои интихоби тренерон тавассути ҳамкорон, сӯҳбат ва аз миёни ҷавонони фаъол маъмул мебошад.
Мавриди интихоб хоҳ нохоҳ нишондиҳандаҳои гуногун истифода мегарданд. Дар ин самт пурсиш нишон дод, ки дар доираи Барнома ташкилотҳо бештар мавриди интихоб таҷриба ва синнусоли мутахассисро ба инбоат мегиранд (Ҷадвали 17).

Чадвали 17




## 3.3. Талабот

Яке аз нишондиҳандаҳои самаранокии кори тренерон ин талаботи ташкилот мебошад. Бо ин мақсад таҳлил муайян сохт, ки 46,6% ташкилотҳо аз тренерон ичрои саривақтии вазифаҳоро талаб менамоянд, вале танҳо 20,7% талабот ба касбият ва тахасуснокӣ рост меояд.

## 3.4. Робита бо тренерон

Мутобиқи талаби меъёрҳои Барнома бо тренерон бояд, ки робитаи мутақобилан судамнд ба роҳ монда шавад. Ҳамзамон робитаи мунтазам боис мегардад, ки тренерон барои хизматрасонии босамар ҳавасманд гарданд.
Мутобиқи таҳлил 51,1% ташкилотҳо баргузории мулоқотҳои мунтазамро бо тренерон тасдиқ кардаанд. Инчунин, 26,7% ташкилотҳо бо тренерон тариқи сафарҳои омӯзишӣ ва 22,2% такмили ихтисос робита доранд.

## 3.5. Ҳавасмандгардонӣ

Ба ҳамагон маълум аст, ки яке аз усулҳои таъмини самаранокии омӯзиш аз рӯи усули «ҳамсол ба ҳамсол» ин ҳавасмандгардонии тренерон мебошад.

Бо ҳамин мақсад масъала гузошта шуд, ки то кадом дараҷа ин талабот аз ҷониби субъектҳо риоя мегарданд.

**Ҷадвали 18**




Чи тавре маълум гашт, ҳавасмандгардонии беши тренерон бо роҳи сафарбар сохтани онҳо ба хориҷа ва минтақаҳои гуногуни кишвар сурат мегирад. Ҳамчунин, тренерон бо роҳи гузаронидан ба мансаби роҳбарикунанда ва тавсия додан барои фаъолияти касбии меҳнатӣ ҳавасманд гардонида мешаванд.

## 3.6. Захираи кадрӣ

Захираи кадри барои татбиқи Барнома муҳим арзёбӣ мегарда ва мутобиқи талабот бояд, ки ҳар як ташкилот механизм ва ё тартиби махсуси нигаҳдорӣ ва омодасозии кадриро дошта бошад.
Ҳамин тариқ, пурсиш нишон дод, ки қисми беши ташкилотҳо (62,9%) кадрҳои алоқамандро тавассути ташкили такмили ихтисос таъмин месозанд, ҳамчунин 37,1% ташкилотҳо тариқи ҳавасмандгардонӣ кадрҳоро ҷалб менамоянд.

## 3.7. Малакаи кории ҳайати ташкилӣ ва ё роҳбарикунанда

Тибқи талаботи меъёрҳои омӯзиш аз рӯи усули «ҳамсол ба ҳамсол» ҳайати роҳбарикунандаи Барнома бояд, ки малкаи роҳбарӣ, ровигӣ ва дигар малакаҳои марбут ба сарвариро дошта бошанд.
Мутобиқи пурсиш маълум гардид, ки аксарият малкаи сарварӣ ва кор дар командаро соҳибанд. Ҳамчунин, 43,3% масъулон омӯзиш аз рӯи

усули «ҳамсол ба ҳамсол»-ро хуб дарк мекунанд, аммо тибқи талабот ин рақам 100%-ро ташкил медод.

### 3.8. Омодаги тахасуснокии/тренерон

Маълум аст, ки бо гузашти вақт сатҳи тахассуси тренерон такмилро талаб менамояд ва мутобиқи талаботи меъёрҳои байналмилалӣ дар ин самт бояд, ки механизми муайян мавҷуд бошад.
Ҳамин тариқ, таҳлили нишон дод, ки ҷиҳати тахасусмандии тренерон қисми зиёди ташкилотҳо такмили ихтисоси тренеронро ташкил мекунанд (Ҷадвали 19).

**Ҷадвали 19**




### 3.9. Назорати рафтору кирдори тренерон

Вобаста ба назорат ва таъмини сифати рафтору кирдори тренерон 76,7% ташкилотҳо иброз намуданд, ки ҷараёни тренинг пурра назорат карда мешавад. Дар баробари ин бо иштирокиён суҳбатҳои марҳамона гузаронида шуда (23,3%) дар интиҳои тренинг сатҳи тренинги ва малакаи касбии тренерон тавассути анкета аз ҷониби иштирокчиён баҳогузорӣ мегардад (50%).
Ҳар се усуле, ки интихоб гардидааст ба талаботи Барнома ҷавобгӯй мебошад, вале усули бартариятнок ин иштироки мунтазами роҳбарият дар ҷараёни тренинг мебошад.

## 3.10. Муттаҳиддии ҳайати кормандон

Вобаста ба муттаҳидии кормандон дар сатҳи ташкилотҳо мунтазам чорабиниҳои фароғатӣ ва дастгирикунанда ташкил карда мешавад.

Ҷадвали 20




Ҳайати кормандон барои дастгирии якдигар бештар дар хурсандӣ ва маъракаҳои ҳамдигар иштирок мекунанд ва ба раванди он саҳмгузорӣ менмаоянд.

## 3.11. Масъулиятнокии тренерон

Барои ҳавасмандгардонӣ ва баланд бардоштани масъулиятнокии тренерон пайваста роҳбарияти ташкилотҳо тадбирҳо меандешанд. Дар басти 82% ташкилотҳо тренерон ба ташкили чараёни тренинг масъул гардонида мешаванд, инчунин 32% тренеронро ба ӯҳдадориҳои роҳбарикунандагӣ ҷалб месознад.

## IV. НАЗОРАТ ВА ИДОРА

### 4.1. Татбиқёбии меъёрҳои Барнома

Хоҳ нохоҳ чараёни татбиқи Барнома, бахусус риояи талаботҳои он тадбирҳои махсусро талаб менамояд. Аз ҷумла, ташкили механизми назорат ва баҳодиҳӣ дар ин самт ҷойи муҳимро ишғол менамояд.

Ҷадвали 21




Чӣ тавре Ҷадвали 21 нишон медиҳад 70% ташкилотҳо дар амалисозӣ ва таъмини самаранокии Барнома назорат ва баҳодиҳиро ба роҳ мондаанд. Ҳамчунин, тағйир додани меъёрҳо аз мадии назар дурр намондааст, ки барои Барнома ва мутобиқсозии он ба имконоти ташкилот ва маҳал бағоят муҳим аст.

### 4.2. Танзими уҳдадории ҳайати роҳбарикунанда

Дар ҳақиқат барои татбиқи самараноки Барнома зарур аст, ки воҳидҳои ба он алоқаманд пайваста такмили ихтисос карда шаванд. Дар баробари ин онҳо бояд, ки малаки хуби идорӣ дошта бошанд, чун мутобиқи меъёрҳои муқарраргардида заҳмати бисёр талаб карда мешавад.
Ҳамин тариқ, маълум гардид, ки қисми беши ташкилотҳо (55,2%) дар баланд бардоштани масъулиятнокӣ ва танзими ҳайати роҳбарикунандаи Барнома таваҷҷӯҳи зиёд ба такмили ихтисоси онҳо мекунанд. Инчунин, мукамал гардонидани вазифаҳои техникӣ ва ё уҳдадориҳои бевоситаро барои масъулони Барнома 44,8% ташкилотҳо

иброз кардаанд. 31% ташкилотҳо бошад барои ин мақсад принсипи ҷойивазкунии мансабҳоро истифода мебаранд.

## 4.3. Сифати татбиқёбии меъёрҳои Барнома

Новобаста аз он ки дар сатҳи ин ва ё он ташкилот Барномаи омӯзиш аз рӯи усули «ҳамсол ба ҳамсол» маҳфуз аст ва ё амалӣ гардонида мешавад, зарур аст, ки сифати татбиқёбии меъёрҳои муқаррарнамудаи он таъмин карда шавад.
Пурсиш дар ин масъала чунин нишон дод.

**Ҷадвали 22**




## 4.4. Захираҳои кадрӣ ва молиявии Барнома

Таъминоти кадрӣ барои татбиқи босамари Барнома мавқеи муҳимро ишғол менамояд. Дар ин васила доштани воҳиди махсус барои ташкилот аввалиндараҷа мебошад.

**Ҷадвали 23**




Чӣ тавре ҷадвали боло инъикос менамояд дар ниҳоди 36% ташкилотҳо воҳиди махсус оид ба татбиқи Барномаи омӯзиш аз рӯи усули «ҳамсол ба ҳамсол» амал мекунад, вале 64% дигари ташкилотҳо дар татбиқи Барнома чунин воҳидро надоранд.

Дар баробари ин маълум гардид, ки 40% ташкилотҳо ба тренерон маоши баробар ба тренерони касбӣ ва кормандони идорӣ муқаррар намудаанд ва 60% ташкилотҳо ин дастовардро надоранд.

## 4.5. Иштироки фаъоли ҷавонон дар татбиқи Барнома

Қисми зиёди ташкилотҳо (64%) иштироки ҷавононро дар татбиқи меъёрҳои Барномаи омӯзиш аз рӯи усули «ҳамсол ба ҳамсол» тавассути ҷалби онҳо дар маҷлисҳои умумӣ таъмин менамоянд. 36% ташкилотҳо ҷавононро дар тағйир додани меъёрҳои Барнома ҷалб месозанд.

## 4.6. Натиҷаи назорат ва баҳодиҳӣ

Натиҷаи назорат ва баҳодиҳиро 34% ташкилотҳо дарҳол истифода менамоянд, вале 66% дигар онро баъди пешниҳоди ҳисоботи пурра мавриди истифода қарор медиҳанд.

Дар таҷрибаи ҷаҳони ин тафовутнокӣ баракс қарор дорад, яъне новобаста аз мавҷудияти ҳисоботи пурра натиҷаи назорат ва баҳодиҳӣ дарҳол истифода бурда мешавад, чунки бо гузашти вақт натиҷаи он самараи худро гум мекунад.

## 4.7. Ҳамкорӣ вобаста ба рушди шабакаи Барнома

Амалисозии тадбирҳои ҷиҳати рушди имкониятҳои Барнома, бахусус рушди шабакаи омӯзиш аз рӯи усули «ҳамсол ба ҳамсол» барои кишварҳои рӯ ба тараққӣ ниҳоят муҳим аст.

**Ҷадвали** 24




Ҷадвали боло нишон медиҳад, ки аксарият дар устувор гардонидани имконоти Барнома ҷалби ташкилотҳои алоқамандро дар амалисозии он рабт медонанд, гарчанде ҷалби коршиносон ва тағйир додани он мувофиқи мақсад аст.

## 4.8. Дастрасии иттилоот

Дар самти таъмини меъёрҳои омӯзиш аз рӯи усули «ҳамсол ба ҳамсол» иттилооти алоқаманд бо роҳҳои гуногун дастрас карда мешаванд.

**Ҷадвали 25**




Яке аз роҳҳои асосии дастрасии иттилоот оид ба Барномаи омӯзиш аз рӯи усули «ҳамсол ба ҳамсол» ин тариқи маводҳои иттилоотӣ мебошад. Ҳамчунин, шабакаи интернетӣ дар ин ҷодда мавқеи калон касб кардааст, ки боиси қаноатмандист. Аммо дар кишвар маводи иттилооти вобаста ба Барномаи омӯзиш аз рӯи усули «ҳамсол ба ҳамсол» хело кам аст, яъне интихоби ин мавқеъ нокомил баҳогузорӣ мегардад.

## 4.9. Нақшаи устуворӣ

Воқеан дилхоҳ ташкилот бояд, ки нақшаи устувории худро дошта бошад, чун маҳз ҳамин нақша метавонад дурнамо ва ё ояндаи фаъолиятро муайян созад.
Мутобиқи талабот зарур аст, ки ҳар як ташкилот нақшаи устувории Барномаи омӯзиш аз рӯи усули «ҳамсол ба ҳамсол»-ро дошта бошад.
Таҳлил нишон дод, ки қисми зиёди (55,2%) ташкилотҳо чунин нақшаро доранд, гарчанде худи Барнома дар басти идории онҳо мавҷуд нест.
Ҳамчунин, 31% ташкилотҳо иброз намуданд, ки Барнома бо бинои махсус ва воҳиди корӣ таъмин карда шудааст ва 55% таъмин будани маблағгузории Барномаро зикр кардаанд.

# V. НАЗОРАТ ВА БАҲОДИҲӢ

## 5.1. Мақсади назорат ва баҳодиҳӣ

Дар боло атрофи зарурати назорат ва баҳодиҳӣ маълумот дода будем, акнун вобаста ба амалисозии амиқи он дар татбиқи Барномаи омӯзиш аз рӯи усули «ҳамсол ба ҳамсол» таҳлил мегузаронем.
56,4% ташкилотҳо мақсади назорат ва баҳодиҳиро бо вакт ченшаванда будан, 35,9% мушаххас будан ва 7,7% дастрас будани онро изҳор кардаанд.

## 5.2. Нишондиҳандаҳои асосии Барнома

Самаранокии дилхоҳ фаъолиятро нишондиҳандаҳои он ташкил медиҳад. Барнома низ мутобиқи меъёрҳои муайянгашта бояд нишондиҳандаҳои ба худ хосро бо дарназардошти имконоти дилхоҳ ташкилоти ва шароити маҳал дошта бошад.

**Ҷадвали 26**




Чӣ тавре ҷадвали боло инъикос менамояд нишондиҳандаи наздики 80% ташкилотҳоро теъдоди ҷавонони фарогирифта ташкил медиҳад, яъне онҳо бо ҷавонон кор мекунанд. Ҳамчунин, қисми зиёди ташкилотҳо пайваста семинарҳо мегузаронанд ва ин нишондиҳанда қисмати асосии фаъолияти онҳоро ташкил медиҳад.

## 5.3. Амалишавии мақсадҳои Барнома

Ҷараёни амалишавии мақсадҳои Барномаро 72,4% ташкилотҳо тариқи таҳлили нишондиҳандаҳо, яъне ҷамъоварии омори алоқаманд ва

коркарду баррасии онҳо амалӣ месозанд. 51,7% ташкилотҳо тариқи таҳлили ҳамасолаи вазъият байни гурӯҳҳои мақсадӣ ва 17,2% байни хадамоти хизматрасон амалисозии мақсадҳои Барномаро роҳандозӣ менамоянд.

Ин усулҳои амалигардонии мақсадҳои Барнома хуб аст, вале онҳо бояд, ки дар ҳама сатҳ баробар бошанд, чун натиҷанокии онҳо ба ҳар яке аз усулҳо дар алоҳидагӣ хос мебошанд.

## 5.4. Воситаҳои назорат ва баҳодиҳӣ

Мавриди назорат ва баҳодиҳӣ воситаҳои гуногун истифода мегарданд. Дар бисёр мавридҳо ин амал тавассути саволномаҳои махсусгардонидашуда роҳандозӣ мегардад. Дар сатҳи ташкилотҳои низ маҳз воситаи саволнома ва шакли ҳисоботӣ бештар интихоб гардидааст.

Ҷадвали 27




## 5.5. Устувории назорат ва баҳодиҳӣ

Устувории назорат ва баҳодиҳиро 66,7% ташкилотҳо тариқи ҷалби коршиносон ва 33,3% тариқи ташкили воҳиди махсус ба роҳ мондаанд.

## 5.6. Иштироки ҷавонон дар ҷараёни назорат ва баҳодиҳӣ

Иштироки ҷавонон дар ҷараёни назорат ва баҳодиҳӣ дар шаклҳои гуногун сурат гирифтааст.

Ҷадвали 28




Аксарият иброз намудааст, ки иштироки ҷавонро дар ҷараёни назорат ва баҳодиҳии Барномаи омӯзиш аз рӯи усули «ҳамсол ба ҳамсол» тариқи ҷалби онҳо дар гузаронидани таҳқиқотҳо таъмин менамоянд. Дар ин ҳолат ҷавонон ба сифати ихтиёриён-интервюерон истифода мегарданд.